**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзуи "Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводҳои фанҳои биологӣ)" барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).**

Ҳамасола Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои хеш ба соҳаи илму маорифи мамлакат бештар диққат дода, барои боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, барои вусъат додани тафаккури техникии насли наврас солҳои 2020 – 2040-ро "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" эълон кардаанд, ки ин суханон омӯзгоронро водор менамояд, то сатҳу сифати таълимро дар муассисаҳои таълимӣ баланд бардошта, аз роҳу воситаҳои муосир самаранок истифода намоянд.

Муносибати инсон ба олами атроф (ҷомеа, табиат, ба худаш) бо ду дидгоҳ - амалӣ ва таҷридиву назариявӣ (маърифатӣ) алоқаманд мебошад. Диди аксиологӣ (арзишӣ) байни дидгоҳҳои амалӣ ва маърифатӣ нақши ҳалқаи пайвасткунандаро мебозад. Берун аз инсон ва бидуни инсон мафҳуми арзиш вуҷуд дошта наметавонад, зеро он навъи махсуси инсонии аҳамияти предмету падидаҳо мебошад. Арзишҳо аввалия нестанд, онҳо аз таносуби олам ва инсон ҳосил шудаанд; арзишҳо аҳамияти чизҳоеро, ки инсон дар раванди таърих офаридааст, тасдиқ мекунанд. Ба арзишҳо танҳо падидаву рӯйдодҳое мансубанд, ки бо пешрафти иҷтимоӣ алоқамананд.

Арзишҳои педагогӣ мисли ҳама гуна арзишҳои маънавии дигар ба муносибатҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ дар ҷомеа вобастаанд, ки ба инкишофи педагогика таъсири зиёд мерасонанд.

Муаллифи рисола Дадобоева Муслима Бахтиёровна барои баҳодиҳии сатҳҳои фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар

раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои диди аксиологӣ меъёрҳоро муайян ва истифода намудааст, ки он ба хонандагон таъсир расонида, ташхиси (диагностикаи) дараҷаи сатҳи дониш, малака ва маҳорати онҳо дар раванди таълим муайян карда мешавад. Хусусиятҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон: қадамҳо, муайян намудани нишондиҳандаҳои рушд ва фаъолияти маърифатии хонандагон ба низом дароварда шудаанд.

Дар рисола аз тарафи диссертант доир ба муайянкунии сатҳҳои фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ озмоиши ташаккулдиҳанда бо кори санҷишӣ бо хонандагони гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ дар мавзуъҳои «Тавсифи умумии ҳайвонот», «Гуногунии намуди ҳайвонот», «Типи рӯдаковокҳо» анҷом додааст ва коркарди натиҷаҳо ба тариқи амсила пешниҳод шудааст.

Ба ақидаи муаллиф масъалаи баланд бардоштани сатҳи фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои диди аксиологӣ бо тамоми ҷузъҳои таркибии он имкон медиҳад, ки мактаббачагон на танҳо ба сатҳҳои баландтари фаъолнокии фаъолияти маърифатӣ дар таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои диди аксиологӣ ноил шаванд, инчунин ба рушду камолоти шахсияти онҳо мусоидат намуда, дар самимият, масъулиятшиносӣ, ҷандирӣ, ҷасорати онҳо, афзудани эҳтиёҷ ба худтатбиқнамоии бомуваффақият дар муошират бо ҳамсинфон ва омӯзгорон мусоидат менамояд.

Дар ҷадвалҳо аз тарафи муаллифи рисола маълумоти қиёси натиҷаҳо дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ оварда шудааст. Натиҷаҳои ташаккули дараҷаи рушди фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар марҳалаи мутараққӣ дар мактабҳои озмоишӣ дар ҷадвал мушаххас ифода ёфтааст ва дар қисми озмоишии таҳқиқот зинаҳо ва омилҳои

таъсиррасонии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ муайян ва шарҳ дода шудаанд.

Мазмуну муҳтавои автореферат бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ дар автореферат интишор гардидаанд, мувофиқати комил бо мундариҷаи рисола дошта, моҳияти корро якҷоя бо интишороти муаллиф, ки дар маҷмӯъ фарогири 10 ададанд, пурра инъикос мекунанд, ки 6 адади он дар маҷаллаҳо ва нашрияҳое, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудаанд, ба чоп расидаанд.

Умуман, диссертатсияи Дадобоева Муслима Бахтиёровна кори таҳқиқотии мустақилона анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомномаи ««Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ"- и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор аст.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи педагогика ва психологияи
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода Шомуродзода
Ҳасанҷони Рузибобо

27.03.2023с.

**Суроға**: 734019. ш.Душанбе, к.Мухаммадиев 17/6. Тел.(+992)1122063.
E-mail. Shomurodzoda1958@mail.ru

*Имзои Шомуродзода Ҳасанҷони Рузибоборо тасдиқ менамоям.*
*Сардори РК ва КМ ДБЗХТ ба*
*номи С.Улуғзода* *Юсупова Б.Г.*